## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 202 с.**

Омӯзиши таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XIX яке аз масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меояд. Зеро ин давра яке аз муҳимтарин давраҳои таърихи адабиёт дониста шудааст. Хусусан, омӯхтани рӯзгор ва осори чеҳраҳои алоҳидаи адабии ин давр барои муайян намудани тамоюлҳои адабии адабиёти мавриди музокира мусоидат хоҳад кард. Зарурати омӯхтани адабиёти ин давраро устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз солҳои 40-уми асри гузашта таъкид карда буданд ва дар омӯзиши ин давраи муҳимми адабиёти тоҷик ҳамеша халои барҷастаеро эҳсос намудаву бо таҳқиқоти арзишманд пур кардани онро ҳадафи хеш дониста, чунин навиштаанд: «Ёддоштҳо ғайр аз он фоидаҳое, ки ман дар мактуби пештараам навиштаам, боз як фоида дорад, ки камбудии таърихи адабиёти моро пур мекунад. Маълум аст, ки нависандагони ҷаҳоншумули халқи рус дар асри XIX чунон асарҳои пурра доданд, ки баъд аз Инқилоб ба гардани нависандагони советии рус фақат вазифаи равшан кардани зиндагонии советӣ монд …

«Ёддоштҳо» нима-нима ҳамин камбудии таърихи адабиёти моро қисман пур хоҳад кард» (Аз мактуби Айнӣ ба Турсунзода, аз 27/XII, 48, дар кит.: С. Айнӣ, Мактубҳо, Душанбе, «Дониш», 2024, с. 435).

Ҳарчанд ин гуна таъкидҳои устод Айнӣ корояд шуданду бо мусоидати худи ӯ муҳаққиқони ҷавоне ба монанди Р. Ҳодизода ба омӯзиши адабиёти ин давра ҷиддӣ машғул гардиданд ва пас аз эшон пажуҳишгарони дигаре чун У. Каримов, А. Абибов, Т. Неъматзода, С. Амирқулов, Н. Сайфиев, Г. Галимова ва дигарон ба таҳқиқ машғул гардидаанд, аммо ҳоло низ доир ба адабиёти ин давра ҷойи тадқиқоти зиёде ҳамчунон холист. Хусусан, омӯхтани ҷойгоҳи муҳитҳои адабии ин давра ва рӯзгору осори шахсиятҳои барҷастаи адабии нимаи дувуми асри XIX яке аз масъалаҳои камтаҳқиқшудаи адабиёти ин давра мебошад. Яке аз ин гуна чеҳраҳои намоёни муҳити адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро Абдулқодирхоҷаи Савдо мебошад, ки то кунун дар бораи ӯ тадқиқоти алоҳида анҷом

нагирифтааст. То ҳол мавриди омӯзиши дақиқу ҷиддии илмӣ қарор нагирифтани зиндагинома ва мероси адабии Савдо **аҳаммияти мавзуи диссертатсияи номзадии** Салимзода Муҳайё Абдусалимро исбот менамояд. Бинобар ин мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Диссертант барҳақ қайд менамояд, ки «Ба вуҷуд овардани зиндагиномаи илмии Савдо, муайян кардани мероси адабӣ, қимати адабии «Баёз»-и Савдо ва ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми ҳалталаб дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад» (диссертатсия, с. 5).

Дар **бандҳои 7-8-уми «Соҳаҳои таҳқиқот»**-и **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** пажуҳиши нукоте пешниҳод шуда, ки ба омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии шоирону адибони классики тоҷик ва масоили марбут ба мавзую муҳтаво, забону сабки баён, анъанаю навоварӣ ва мухтассоти ғоявию бадеии осори онҳо рабт мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ **комилан мувофиқат менамояд**.

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки зиндагинома ва фаъолияти адабии густардаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва мазмуну муҳтавои мероси адабии ӯ дар мақолаву рисолаҳои илмӣ ва зимни баррасии масъалаҳои муҳимми шеъру адаби асри XIX Мовароуннаҳр мавриди баррасӣ ва таҳлилу арзёбӣ қарор гирфтааст. Диссертант дар тақвияти андеша аз таълифоту баррасиҳои илмии Р. Ҳодизода, А. Абибов, Т. Неъматзода, С. Амирқулов, У. Каримов, Н. Сайфиев, Г. Галимова ва дигарон ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ин, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгор, осор ва ҷойгоҳи Абдулқодирхоҷаи Савдо халое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди баррасӣ то ҷое комил гардонида, **навгонии илмии диссертатсияи** мазкур дар ҳамин нукот зоҳир мегардад. Ҳамчунин, дар диссертатсияи тақризшаванда зиндагинома ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо, хусусиятҳои «Баёз»-и ӯ ва арзиши адабии он ҳамчун сарчашмаи адабӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир, мазмуну мундариҷа, хусусиятҳои бадеӣ, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазн, ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо аз назари забон ва сабки баён низ баррасӣ шудаанд, ки **навгонии илмии кори пажуҳишии диссертантро** бозгӯ менамояд. Воқеан, манзури донишмандон намудан ва ба

ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи номзадии Салимзода Муҳайё Абдусалим иқдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок мешаванд, ки кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба дараҷаи лозимӣ истифода гардида, намунаҳои мушаххас аз сарчашмаҳои адабӣ манзур шудаанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ва суханрониву гузоришҳои довталаб ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Диссертант мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдоро дар асос ва ё заминаи методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, таҳқиқи сохтори осори адабӣ нақду баррасӣ намуда, вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар бобу фаслҳои диссертатсия ба таҳқиқ гирифта, **хулоса ва тавсияҳои** муътамад ба даст овардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик ҳини пажуҳиши масъалаҳои марбут ба барқарор намудани зиндагиномаи илмии адибон, табақабандии жанрии шеърҳо, баррасии вежагиҳои нусхашиносии баёзҳо ва мазмуну хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон арзиши хос дорад.

Маводди илмии дар диссертатсия фароҳамомада ва хулосаву натиҷагириҳои диссертантро дар навиштани мақолаҳои назариявию мубоҳисавӣ, таълифи рисола ва таснифи китобҳои дарсию васоити таълимӣ ва омода намудани матни лексияҳо аз фанни таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ ва монанди инҳо истифода намудан мумкин аст.

Салимзода Муҳайё Абдусалим барои навиштани рисола дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чаҳор банд зикр кардааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда масоили меҳварии бобу фаслҳои рисоларо инъикос менамоянд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақола таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маводди конференсия ба табъ расида, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл ва шонздаҳ зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар ҳар яке аз бахшҳои диссертатсия равиши хуби таҳқиқ, далелҳои мушаххас, баррасӣ ва баҳси судманди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолибу тоза ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо, асосҳои назарию методологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсеаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор шарҳу баён ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо»** аз ду фасл ва ҳашт зерфасл фароҳам омадааст. Дар **фасли аввали боби якум,** ки **«Зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо»** ном дорад, бар асоси тазкираҳо ва сарчашмаҳои адабие, ки дар онҳо доир ба аҳвол, руҳия ва баъзе ҷанбаҳои осори ӯ сухан рафтааст; ашъори худи Савдо, ки дар онҳо низ роҷеъ ба баъзе лаҳзаҳои муҳимму ҷудогонаи ҳаёти ӯ, вазъи иҷтимоии рӯшанфикрони замон ва муносибати ҳокимони давр бо мардум акс гардидаанд; аз маълумоти пажуҳишгарони адабиёти нимаи дувуми асри XIX зиндагиномаи Савдо офарида шудааст. Диссертант зодгоҳ, ному насаб, баромади иҷтимоӣ, санаи вафот ва сабаби он, касбу пешаи гузаштагон ва худи шоирро дар асоси маълумоти тазкираҳо муайян намуда, зиндагиномаи илмии Савдоро то андозае барқарор намудааст.

**«Мероси адабии шоир»** номи **фасли дуюми боби аввали** диссертатсия буда, дар ин фасл диссертант изҳор намудааст, ки мероси адабии Савдо ба таври дақиқ то кунун маълум набуда, асарҳои ӯ то ҳол пурра дастрас нашудаанд. Он чиро ки то кунун аз Савдо муҳаққиқон пайдо кардаанд, тасниф намудаву дар бораи онҳо маълумоти муфассал овардааст. Зерфасли аввали фасли якум «Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX» унвонгузорӣ шудааст. Манбаъҳои муҳимми ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо тазкираҳоянд. Онҳо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мураттаб гардидаанд ва бино ба таҳқиқи диссертант аз ёздаҳ тазкираи замон ба ҷуз аз ду тазкира дар нусхтои дигар намунаҳои ашъори Савдо зикр гардидаанд. Муаллиф резакорона он тазкираҳоро таҳқиқ

намудаву шумори абёт ва миқдори ашъори дар онҳо зикршудаи Савдоро ба мушоҳида гирифта, ба таври дақиқ муайян намудааст. Дар охири зерфасл ҷадвал тартиб дода, бо усули таҳлилӣ-оморӣ миқдори байтҳо, мисраи аввали шеър, навъҳои шеърӣ, такрор ва ё нав будани шеърҳоро дақиқкорона муайян намудааст, ки ин ҳолат барои таҳқиқоти ҷомеъи оянда доир ба Абдулқодирхоҷаи Савдо заминаи илмӣ фароҳам меоварад.

**Зерфасли дуюми фасли дувум «Доир ба теъдоди асарҳои манзуми Савдо»** унвонгузорӣ шудааст. Диссертант дар асоси таҳқиқи сарчашмаҳои муҳимме, ки намунаҳои ашъори Савдоро зикр кардаанд, теъдоди абёт ва навъи шеърии осори шоирро ба таври оморгирӣ ба таҳқиқ гирифта, муайян намудааст, ки Савдо дар навъҳои шеърии қитъа, фард, қасида, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазал шеърҳо сурудааст ва миқдори онҳоро низ муайян кардааст. Дар охири ин фасл низ ҷадвалҳо тартиб додаву миқдори умумии анвои шеърии Савдоро бо шумори байт таъин кардааст.

**«Анвои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо»** унвони зерфасли сеюми фасли дуюми боби аввал буда, дар ин бахш ғазал, маснавӣ ва қасида, қитъа, рубоӣ ва дигар анвои шеърӣ ба монанди таркиббанду тарҷеъбанд, мухаммас, фард ба баррасии илмӣ гирифта шуда, мазмуну муҳтавои ҳар яке аз ин анвои шеърӣ бо муайян намудани мазмуну муҳтавои онҳо баррасӣ мешаванд.

Диссертант дар зерфаси охири боби аввал **асарҳои мансури Савдоро** аз як ҳикояти хурд ва «Музҳика» иборат дониста, мазмуну муҳтавои онҳоро низ муайян намудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ»** номида шудааст, саъй кардааст, ки масъалаҳои дар ин боб пешгузошташударо дар се фасл баррасӣ намояд. Унвони **фасли аввали ин боб «Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии «Баёз»-и Савдо»** буда, диссертант дар ин фасл «Баёз»-и Савдоро, ки дар китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳон Берунӣ, таҳти рақами 279 нигаҳдорӣ мешавад, аз назари китобшиносӣ ва нусхашиносӣ ба таҳқиқ гирифта, мушаххасоти онро резакорона баррасӣ намудааст. Аз ҷумла унвон, забон, мавзуъ, осори муаллиф, таърихи таълиф, шумораи инвентарӣ, ҷумлаи оғоз ва ҷумлаи поёни нусха ва мушаххасоти дигари нусхаро дар 23 банд баён намудааст. **«Сохт ва таркиби баёз»** номи **фасли дуюми ин боб** буда, муҳаққиқ дар бораи баёз ва аҳаммияти он дар адабиёт сухан ронда, ҷойгоҳи «Баёз»-и Савдоро дар адабиёти замони ӯ муайян намудааст. Диссертант барои барҷаста таъин

намудани аҳаммияти «Баёз»-и шоири мавриди таҳқиқ дар ҷадвалҳои алоҳида миқдори абёти шеър, навъи шеър, шоир ва вараҷи онро мушаххас намудааст, ки ин ҳолат аҳаммияти рисоларо бештар менамояд.

Дар **фасли сеюми боби дуюм**, ки **«Аҳаммияти «Баёз»-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ»** унвон гирифтааст, диссертант умуман дар бораи аҳаммияти баёзҳои шеърӣ ва махсусан, арзиши адабии «Баёз»-и Савдо андеша ронда, нақши онро дар шинохти ашъори суханварони форсигӯй таъин намудааст. Хусусан, аҳаммияти ин «Баёз» дар шинохти шеъри ҳамзамонони худи шоир чун манбаи муҳим хидмат мекунад. Таркиби «Баёз»-и Савдо ғанӣ буда, аз шоирони зиёди гузашта ва муосири ӯ намунаҳои зиёди шеърӣ ва осори мансур зикр шудааст. Диссертант муайян намуда, ки мураттиби «Баёз» аз шоирони зиёде намунаҳои шеърӣ оварда, номи аксари онҳо ошно нест ва муайян намудани шахсияти онҳо таҳқиқотиояндаи ҷудогонаро тақозо менамояд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо»** аз ду фаслу зерфаслҳо иборат мебошад, ки онро низ аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ яке аз бобҳои меҳварии рисола метавон номид. Дар фасли аввал мазмуну мундариҷаи ашъори Савдо муайян гардида, пурбору рангин будани сурудаҳои шоир таъкид шудааст.

**Фаслҳои дигари боби сеюм**, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол, мазмуни иҷтимоӣ дар ашъори Савдо оиданд, дақиққорона аз тарафи диссертант тозакориҳо ва навовариҳои ӯро дар мазмуну маънӣ баррасӣ намудааст. Дар фасли **«Хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо»** ва зерфаслҳои **«Забон ва сабки баён»**, **«Воситаҳои тасвири бадеӣ ва маҳорати шоирӣ»**, **«Вазн ва ихтиёроти шоирӣ»**, **«Қофия ва радиф»** саноеи бадеӣ, ҳунари шоирӣ, истифода аз вазнҳои гуногуни шеърӣ, забону сабки баён ва радифу қофияро дар ғазалҳои Савдо таҳқиқ намуда, хулосаҳои мустақилона баровардааст. Натиҷагириҳои илмии диссертант, хусусан, равишҳои корбурди радифу қофияи ашъори Савдо дар ҷадвали алоҳида таҷассум шудаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Салимзода Муҳайё Абдусалим фарогири асоситарин ва муҳимтарин натиҷагириҳои илмии муаллиф буда, дар **14 банд** фароҳам омада, натиҷаи омӯзиш, ҷустуҷӯ ва пажуҳиши масоили тарҳрезишуда дар бобу фаслҳои диссертатсия мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия**. Бо вуҷуди таҳлилу таҳқиқи муҳимму диққатҷалбкунанда ва андешаҳои мустақилонаи назарраси илмӣ дар диссертатсияи тақризшаванда норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд.

1. Абдулқодирхоҷаи Савдо шахсияти чандбуъда, яъне аз чандин донишу ҳунари замонаш бархурдор будааст. Осори манзуму мансур аз ӯ боқӣ монда, аммо хуб мешуд, ки ҷанбаи барҷастаи ҳунари ӯ дар эҷоди бадеӣ муайян мегардид. Аён нашуд, ки ӯ шоири хуб аст ё носири хуб. Тамоми фаъолиятҳои адабии ӯ якхела таҳлил шудааст.

2. Ба назари мо, хуб мебуд, агар ашъори Савдо, хусусан, ашъори танқидӣ ва иҷтимоии ӯ бо ашъори шоирони замонаш дар қиёси ҳам аз назари истифодаи ороёҳои адабӣ ва мазмуну маънӣ ба таҳқиқ гирифта мешуд, он гоҳ ҷойгоҳи Абдулқодирхоҷаи Савдо барҷастатар равшан мегардид.

3. Анвои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо, аз қабили ғазал, маснавӣ, қасида, рубоӣ, қитъа ва монанди инҳо хеле хуб баррасӣ шудаанд. Ба назари мо, ин жанрҳо аз назари мазмуну маъниҳои доғи рӯз баррасӣ мегардиданд, то ин ки пойбанди суннатҳои адабӣ ва ё навгаро будани шоир ба таври сареҳ бештар муайян мешуд.

4. Дар рисола анвои авзони ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо ботааннӣ баррасӣ шудааст. Ба андешаи м,о хуб мешуд, ки диссертант авзони шеъри шоирро аз назари мазмуну мундариҷаи онҳо баррасӣ менамуд. Дигар шудани мазмун ба авзони шеър чӣ гуна таъсир мерасонад ва ба назари мо ин масъала хеле муҳим менамояд.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, техникӣ (саҳифаҳои 23, 26, 29, 35, 79, 116) роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Эродҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамояд.**

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса**, диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи
адабиёти Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Маликова Анзурат Садуллоевна

«08» июни соли 2026

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 46, х. 27
Тел.: (+992) 915-04-19-75
E-mail: anzuratm-2005@mail.ru

Имзои Маликова Анзурат Садуллоевнаро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатов Фирдавс

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: (+992 37) 221-50-83.
«08» июни соли 2026